# Тақризи

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ). - шаҳри Душанбе, 2026 с. 213 с.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамият ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дар заминаи таҳқиқу баррасии роҳу воситаҳои иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир иҷро карда шудааст.

Масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён аз мураккабтарин масъалаҳои илмҳои педагогӣ ба шумор меравад. Зеро ин раванд танҳо бо ҷараёни таълим маҳдуд намешавад; он бо сохторҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва арзишии ҷомеа дар робитаи мустақим қарор дорад. Аз ҳамин ҷост, ки интихоби асоси методологӣ дар таҳқиқи чунин масъала аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад.

Раванди ҷаҳонишавӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияту зиндагии хурду бузургсоли он таъсиргузор гардидааст, ба раванди иҷтимоишавӣ ва ташкилу баргузории он бе таъсир намондааст. Бояд қайд кард, ки ҷаҳонишавӣ ба макони арзишҳои миллӣ, тарбия дар хонавода, муассисаҳои таҳсилотӣ, ҳаёти фарҳангии иҷтимоӣ таъсир расонда, ба хурду бузургсоли ҷомеа дастрасии технологияҳои навини иртиботӣ-иттилоотиро таъмин намуд. Он дар баробари роҳандозӣ намудани густариши ҳамкориҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию иҷтимоӣ, инчунин интиқоли иттилоот ба дунёи маънавӣ-ахлоқии насли ҷавон ворид гардидаанд.

Иҷтимоишавии шахс ҳамчун навъи фаъолияти инсон дорои хусусиятҳои муайянест, ки дараҷаи самаранокии он маҳз тавассути ҳамин ҷанбаҳо муайян карда мешавад. Баррасии ин раванд аз чанд самти муҳим имкон медиҳад, ки моҳияти иҷтимоишавӣ дақиқтар дарк гардад.

Пеш аз ҳама, самти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷойгоҳи марказӣ дорад. Дар ин самт сатҳи таълим, тарбия, муҳити маънавӣ ва имкониятҳои фарҳангии ҷомеа нақши ҳалкунанда мебозанд. Маҳз сифати муҳити тарбиявиест, ки шароити рушди маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии донишҷӯро муайян мекунад.

Бояд қайд кард, ки иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳимест, ки таваҷҷуҳи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб мекунад. Пешравии таълим, таҷҳизоти назариявӣ ва татбиқи амалии ин масъала ба хусусиятҳои муассисаи таълимӣ, ба мавқеи фанҳои таълимӣ, ҳайати омӯзгорон ва дигар ҳолатҳо таъсири муҳим мегузоранд. Принсипҳои таълим ва фаъолияти маърифати донишҷӯён дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва хулосаҳои назариявӣ беҳамто будани принсипҳои таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муқоиса бо принсипҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти илмӣ ва осори олимони хориҷӣ В. С. Агеев, А. Г. Асмолов, Л. Н. Гумилёв, П. С. Гуревич, М. С. Каган оид ба таъсири шароити таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба равандҳои иҷтимоисозии шахсият ва масъалаи тақвият додани раванди таълим дар заминаи иҷтимоишавии донишҷӯён, хусусан аз нигоҳи дидактикӣ-методологӣ ва психологӣ, мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили диссертатсия маълум гардид, ки муҳаққиқ мувофиқ ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотӣ, таҳқиқоти олимони дигари хориҷи кишвар Ю. К. Бабанский, Т. Парсонс, В. В. Давидов, Л. В. Занков, В. А. Крутетский, М. Н. Скаткин, П. Р. Атутов, А. Н. Леонтев, М. А. Данилов, Т. И. Шамова ва олимони ватанӣ М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Л. М. Иматова, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, Ш. П. Котибова, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, С.О. Сатторов, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов ва дигарон, ки онҳо ба масъалаи истифодаи иҷтимоишавии насли ҷавон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд, омӯхта, аз онҳо чун сарчашмаи илмӣ-назариявӣ истифода бурдааст.

Дар заминаи муайянсозии ихтилофҳо оид ба иҷтимоисозии шахсият дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва ҷомеа ба нақша ва дастгоҳи илмии дар низоми таҳқиқот пайгирӣ карда шудааст.

Дар муқаддима мубрамият, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзия ва асосҳои назариявию методологӣ, сарчашма, методҳои назариявию

амалии таҳқиқот, навгониҳо, аҳмияти назариявию амалии кор, инчунин ғояҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда пешкаш карда шудаанд.

**Мақсади таҳқиқоти мазкурро** ба таври назаривию озмоишӣ асоснок намудан ва санҷидани асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён мебошад, ки ба дараҷаи иҷтимоишавии шахсият таъсиррасон буда, вазифаҳо интихоб ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои муайяни таҳқиқотӣ амалӣ гардидаанд.

**Асоси методологии таҳқиқот** нуқтаҳои муҳимтарини таълимоти демократии инкишофи шахсият мебошад; муқарраротт дар бораи алоқамандӣ ва вобастагии ҳамдигарии падидаҳо, аз ҷумла дар бораи алоқамандии байни дигаргуниҳои ҷойдоштаи иҷтимоию иқтисодӣ ва навсозии соҳаи маориф; назарияи педагогии фаъолият, назарияи раванди фаъолият, ки дар асарҳои олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогика, психология, ҷамъиятшиносӣ ва иқтисодӣ инъикос ёфтаанд.

Таҳлили асноди қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф дар Тоҷикистон, ки ғояҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ, педагогиро оид ба иҷтимоишавии донишҷӯён дар мафкураи илмӣ муайян гардидааст, ташкил намудаанд.

**Сарчашмаи маълумот** барои кори таҳқиқотии мазкур ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, асарҳои илмии олимони муосири ватанию хориҷӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, мақолаҳои илмӣ оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён, осори фалсафию таърихӣ ва психологию педагогӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятҳои инноватсионӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳайси сарчашмаи маълумот хизмат намуданд.

Қисмати **аҳамияти назариявии таҳқиқот** мутобиқи хусусиятҳое, ки дар натиҷаи таҳлил муайян шудаанд, мафҳуми иҷтимоишавии донишҷӯён воситаҳои фаъолсозии таълимии донишҷӯён равшан карда шуда, таснифоти субъектҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди таълим дар заминаҳои гуногун истифода мешаванд, таҳия карда шудааст.

Дар бахши **аҳамияти амалии таҳқиқот** тавсияҳои методологии таҳияшуда (шаклҳо, усул ва воситаҳои истифодаи дониш ва малакаи илмӣ) такмили ҷараёни таълимро дар иҷтимоишавӣ ва баланд бардоштани сатҳи сифати корҳои таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин менамоянд.

Қайд гардидааст, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди ҷанбаҳои педагогии сифати дониш ва иҷтимоишавии донишҷӯён истифода шаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллиф мувофиқ ба бандҳои он дар раванди таҳқиқот амалӣ гардида, тасдиқи онҳо дар матни диссертатсия ва автореферати он ифода гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таври мақсаднок истифодабарии асосҳои назариявӣ ва методологии масъалаи таҳқиқотшаванда; интихоби дурусти методҳои таҳқиқоти назариявию амалӣ ва дуруст истифодабарии онҳо, ки ба мақсаду вазифаи таҳқиқотӣ мусоидат намуда, амалӣ гардидани фарзияи илмию нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо таъмин гардондаанд; барқарор намудани муоширату муносибат ба озмудашавандагон, таҳлилу натиҷагирӣ аз вазъи истифодаи усулҳои муосир дар кори озмоишӣ-таҷрибавӣ; хулосаҳо ва тавсияҳои илмию методиро, ки аз донишу маълумот ва фаъолияти касбию иҷтимоии муҳаққиқ бармеоянд, дар бар мегирад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмии дар таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда ва маводи интишоргашта, дар асосноккунии назариявӣ ва илмӣ-амалии мушкилот ва ҳалли онҳо, ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои бадастомадаро минбаъд ҳамчун заминаи иттилоотии илмӣ бо такмилу иловаҳо барои омода намудани монография, дастурҳои таълимию методӣ барои кормандони соҳаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ дар зинаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ, таҳсилоти миёна ва олии касбӣ истифода кардан муфид хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалӣ намудани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар асоснок намудани ҳалли мушкилот, коркарди идеяи кор, вазифа ва марҳилаҳои таҳқиқот, дар иштироки бевоситаи унвонҷӯ ҷиҳати дарёфти далелҳо, мураттабсозии онҳо ва санҷишу татбиқи амалии онҳо зоҳир мегардад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути нашри мақолаҳо, баромад дар конференсияҳо – ҷаласаҳои Донишкадаҳои сарҳадии назди КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таълимию педагогӣ амалӣ гардидааст. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалие, ки дар рафти таҳқиқот таҳия шудаанд, ба баланд бардоштани иҷтимоишавии донишҷӯён ва фаъолияти маърифатии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар се боб ва 7 зербоб ифода ёфтаанд, ки 213 саҳифаи чопи компютериро дар бар гирифта, 218 номгӯйи адабиёт истифодашуда бо расму диаграмма ва ҷадвалҳо ба расмият дароварда шудааст.

Дар муқаддима зарурати мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзуъ оварда шудааст. Ҳамчунин объект ва

предмети таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор муайян гардида, асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳқиқот, марҳилаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мухтасар баён гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои назариявӣ ва методологии масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби мазкур иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ, раванди таърихию иҷтимоӣ ва ҳамзамон педагогии ташаккули шахсият таҳлил гардидааст, ки дар ҷараёни он инсон на танҳо муҳити иҷтимоиро қабул менамояд, балки ҳамчун субъекти фаъол дар он иштирок карда, муносибатҳо, арзишҳо ва мавқеи инфиродии худро ташаккул медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун мактаби иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён, ҳамчун муҳити мураккаб, бисёрсатҳии иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад, ки дар он раванди ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоӣ, худшиносии касбӣ ва фарҳанги иҷтимоии донишҷӯён ба таври мақсаднок сурат мегирад.

Таъкид гардидааст, ки муҳити донишгоҳӣ тавассути низоми муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ, кори беруназсинфӣ, ташкили ҳаёти донишҷӯӣ ва иштироки ҷавонон дар шаклҳои гуногуни фаъолият барои иҷтимоишавии онҳо заминаи устувор фароҳам меорад.

Асоси назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯёнро меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва асосҳои методологии баҳодиҳии сатҳи иҷтимоишавии шахсият дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян менамояд. Инчунин, равишҳои назариявӣ ба масъалаи ташхиси иҷтимоишавӣ, имкониятҳои муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён тавассути баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандии иҷтимоӣ, худшиносӣ, сатҳи инкишофи қобилияти муошират, масъулиятшиносӣ ва рафтори иҷтимоӣ баррасӣ ва асоснок карда шудаанд.

**Дар боби дуюми диссертатсия** «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» масъалаҳои методикаи муайянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ гардида, амсилаи иҷтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Дар ин боб методикаи муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён пешниҳод карда шуддаст, ки он ба маҷмуи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхис такя мекунад. Ин методика имкон медиҳад сатҳи ташаккули арзишҳои

иҷтимоӣ, ангезаҳо, муносибатҳо, рафтори иҷтимоӣ ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ба таври илмӣ муайян карда шавад. Иҷтимоишавӣ ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ гардида, он маҷмуи сифатҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафториро дар бар гирифтааст, ки дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён ифода меёбанд. Бо назардошти ин, барои ҳар як ҷузъи иҷтимоишавӣ нишондиҳандаҳои мушаххас интихоб шудаанд, ки имконияти баҳодиҳии воқеъбинонаи сатҳи рушди иҷтимоии шахсиятро фароҳам меоранд.

Дар ин боб муаллиф амсилаи иҷтимоишавии ҷавононро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намудааст, ки ҳамчун низоми мураттаб ва ҳамгирои ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафторӣ баррасӣ гардида, он робитаи байни омӯзиш, тарбия ва фаъолияти иҷтимоии донишҷӯёнро дар муҳити донишгоҳ нишон медиҳад.

**Дар боби сеюми диссертатсия** «Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳлил гардидааст.

Муҳаққиқ хусусиятҳои иҷтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён, робитаи мутақобилаи фаъолияти таълимӣ, ангезаҳои маърифатӣ ва ташаккули сифатҳои иҷтимоии донишҷӯён таҳлил карда, таъкид мекунад, ки иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар иҷрои супоришҳои мустақилона, таҳқиқоти илмӣ ва муҳокимаи масъалаҳои иҷтимоӣ ба рушди фарҳанги муошират, ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф дар таҳқиқ ва озмоиши таълимии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷараён, марҳилаҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо оид ба татбиқи шартҳои педагогии иҷтимоишавӣ дар муҳити воқеии донишгоҳ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Татбиқи амсилаи таҳияшуда ва методикаи пешниҳодшуда, самаранокии онро дар ташаккули иҷтимоишавии донишҷӯён исбот намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи амсилаи иҷтимоишавӣ дар шароити буҳронҳои иҷтимоӣ, ҳамчун омили муҳими устувории маънавиёт ва ахлоқи ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар асоси натиҷаҳои бадастомада муҳаққиқ хулосаҳо мувофиқ ба ҳар боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методиро аз ҷиҳати илмию амалӣ коркард ва пешниҳод намудааст, ки аҳамияти илмӣ ва илмӣ-методӣ барои пешрафти назария ва амалияи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таъкид менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳифаҳои нашриёҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 6 номгӯй, мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва нашриёҳои дигар чопшуда - 4 номгӯй ба табъ расидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, диаграмма ва ҷадвалҳо таъмин аст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди корбарӣ қарор дода шуданд ва ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар ин раванд таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дигар низ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода мешуд.
2. Дар қисмати адабиёти истифодашуда баъзе сарчашмаҳое ба чашм мерасад, ки ба мавзуи диссертатсия мувофиқ нестанд ва истифода нашудаанд.
3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикргардида андешаи субъективии мо буда, онҳо сатҳ ва дараҷаи арзишмандии таҳқиқотро халалдор намекунанд. Бинобар ин, диссертатсия чун кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва мустақилона иҷрошуда мебошад ва аз рӯйи сохтору мазмун ба талаботи муқарраршуда мувофиқат менамояд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи

иҷтимоӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии баанҷомрасида ва аз тарафи муаллиф мустақилона иҷрошуда буда, дар сатҳи хуб қарор дорад. Натиҷаҳои илмӣ ба доираи талабот ба иҷрои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯӣ мебошад.

Довталаб мақсаду вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташударо иҷро намудааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Диссертатсияи ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва таҳрири нави он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295 ҷавобгӯ буда, муаллифи он Фозилзода Шерафкан Орзу сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Неъматов Р.Ҳ.

14.05.2026

**Маълумот барои тамос:**
Суроға:734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Ғарм, к. Э.Муҳиддинов, 63;
тел.:+992 935919144.,+992 988479647.
email: nematov-ramazon@mail.ru

Имзои Неъматов Р. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Шодизода Н.М.